Дар ҳақиқат дин осон аст ва ҳар кас онро бар худ сахт бигирад, саранҷом хаста ва дармонда мешавад ва дин бар ӯ ғалаба мекунад. Пас роҳи рост, дуруст ва миёнаро дар пеш бигиред

Аз Абуҳурайра (разияллоҳу анҳу) аз Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ривоят аст, ки фармуданд: "Дар ҳақиқат дин осон аст ва ҳар кас онро бар худ сахт бигирад, саранҷом хаста ва дармонда мешавад ва дин бар ӯ ғалаба мекунад. Пас роҳи рост, дуруст ва миёнаро дар пеш бигиред. Хушҳол бошед ва аз ибодати субҳу шом ва посе аз шаб кумак бигиред."

[Саҳеҳ] [رواه البخاري]

Паёмбари акрам (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) баён намуданд, ки дини Ислом дар ҳама умураш бар осонӣ ва сабукӣ бино ёфтааст. Ин осонгирӣ ҳангоми вуҷуд доштани дармондагӣ нотавонӣ ва ниёзмандӣ бештар таъкид мешавад. Зеро зиёдаравӣ дар корҳои динӣ ва тарки нармӣ ва миёнаравӣ боиси нотавонӣ ва тарки амал (хоҳ пурра ё қисман) мегардад. Сипас Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мардумро ба миёнаравӣ ва эътидоли бидуни муболиға тарғиб карданд,. Бинобар ин набояд шахс дар иҷрои фармонҳо кӯтоҳӣ кунад ва на ҳам бояд беш аз тавоноии худ масъулият гирад. Агар кореро натавонист бо беҳтарин ваҷҳ анҷом диҳад, бояд наздиктарин ва мувофиқтарини онро анҷом диҳад. Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) барои касе, ки амалаш доимӣ аст, ҳарчанд кам ҳам бошад, аҷру подоши бузурге мужда додааст. Ин барои касоне аст, ки наметавонанд амалро бо комилтарин ваҷҳ анҷом диҳанд. Агар нотавонӣ аз сӯи худи шахс қасдан набошад, аҷру подошаш кам намешавад. Аз он ҷо ки дунё дар асл диёри сафар ва гузариш ба охират аст, Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) амр намуданд, ки барои идомаи ибодатҳо аз се вақте ки нерӯ мебахшад, кумак бояд гирифт: Аввал: "Ғадваҳ", яъне ҳаракат кардан дар аввали рӯз, ки байни намози субҳ ва баромадани офтоб аст. Дуюм: "Равҳаҳ": Ҳаракат кардан баъд аз завол (баъди пешин), яъне баъд аз нисфирӯзӣ. Сеюм: "Дулҷа": Ҳаркат кардан дар шаб, ҳамаи шаб ё қисме аз он. Аз он ҷо ки кор кардан дар шаб душвортар аз корҳои рӯз аст, Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуд: "ва шайъун минад-дулҷа", яъне, қисме аз шаб.

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/5795